# ПРОТОКОЛИ №82

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

31 октябри соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доранд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 25 октябри соли 2024, № 378/шд) тасдиқ шудааст, 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. Кворум ҳаст, аз ин рӯ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз намояд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Ягон таклифу пешниҳод ҳаст? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Ба ҳимоя тавсия додани кори диссертатсионии Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо дар мавзуи *«Таҳқиқи амсилавии равандҳои ғайрихаттии статсионарии гармигузаронӣ дар муҳитҳои конденсӣ»* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 - «Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо».

**Баромад намуд:** раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ М.Илолов ва раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои физикаю математика Одинаев Р.Н. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад намуданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо дар мавзуи *«Таҳқиқи амсилавии равандҳои ғайрихаттии статсионарии гармигузаронӣ дар муҳитҳои конденсӣ»*, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – «Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо» пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Қобилов Маруф Маҳмудович** – доктори илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи информатика ва технологияи итилоотии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон;

**Муҳаммадҷон Исматӣ** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Шарипов Бобоалӣ** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар таъин карда шавад:

Институти физикаю техника ба номи Султон Умарович Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн кардани автореферат дар ҳаҷми 100 адад иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 12 –уми феврали соли 2025, соати 14:00 таъин карда шавад.

Қарор якдилона қабул шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ** **М. Илолов**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика** **А.Б. Ғафоров**